«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, д.и.и., профессор
Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт
_______________________
аз «__» ______________ с. 2021

# ТАҚРИЗИ

муассисаи тақриздиҳанда-Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Накимов Сафарраҳмат Пиракович дар мавзӯи «Бозори гӯшт ва механизми танзими давлатии он (дар асоси маводи хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон»), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) пешниҳод шудааст.

**Мубрамият ва зарурати мавзӯи таҳқиқот.** Азнавсозиҳои сохторӣ дар иқтисодити кишвар, аз ҷумла дар кишоварзӣ ва КАС-и ҷумҳурӣ ба ташаккул ва рушди шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва моликият мусоидат намуданд. Аммо вазъи кунунии таъмини озуқаворechи аҳолии мамлакат аз он гувоҳи медиҳад, ки истеҳсолоти агросаноатии кишвар ҳанӯз аҳолии ҷумҳуриро бо маводи озуқаврии истеҳсолоти худӣ бо пуррагӣ таъмин карда наметавонад. Аз ин рӯ, ташкили фаъолияти самараноки шаклҳои мухталифи фаъолияти хоҷагидорӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити имрӯза яке аз вазифаҳои асосии сохторҳои идоракунанда ва танзимкунандаи истеҳсолоти кишоварзӣ ба шумор меравад. Маълум аст, ки барои таъмини аҳолӣ маводҳои оуқаврии гуногун лозим мегарданд ва истеҳсоли онҳоро дар ҳудуди кишвар ба роҳ мондан чораҳои ташкилию иқтисодӣ ва танзимию назоратиро тақозо доранд,то ин ки истеҳсолкунандаи ватанӣ бозорҳои озуқаврии миллиро бозпас гардонида, аҳолии мамлакатро бо маводи озуқаврии худӣ таъмин карда тавонад. Яке аз чунин бозорҳои озуқаворӣ бозори гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ мебошад,ки имрӯзҳо маҳсулоти ин бозор нархи нисбатан гарон дошта, на ҳама табақоти аҳолии кишвар талаботи худро бо ин навъи маводи озӯқаворӣ таъмин карда метавонад.

Соҳаи чорводорӣ таъминкунандаи асосии гӯшт барои аҳолии кишвар маҳсуб меёбад. Ҳукумати кишвар барои барқарорсозии ин соҳа чораҳои дастгирию танзими давлатиро анҷом дода, таи ду даҳсолаи баъди истиқлолияти кишвар соҳаи мазкурро барқарор намуда, дар истеҳсолоти он низ ба комёбиҳои назаррас муваффақ шудааст. Аммо суръати афзоиши аҳолӣ аз суръати рушди истеҳсолоти соҳа бартарӣ дорад. Аз дигар ҷониб, соири масоили ташкили

истеҳсолоти соҳа, интенсификатсияи он, сармоягузории соҳа, ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар соҳа, афзоиши ҳаҷми маҳсулот ва самаранокии иқтисодии истеҳсолот дар зерсоҳаҳои соҳаи чорводорӣ, дастгирии давлатии соҳа ва хоҷагиҳои чорводор ҳанӯз ба таври бояду шояд ҳалли худро наёфтаанд. Аз ин рӯ, дар бозори гӯшти кишвар маҳсулоти содиротӣ бартарӣ дорад ва танзими давлатии он низ ба такмил ниёз дорад. Аз баррасии мушкилоти зикршуда бармеояд, рушди бозори гӯшт ва таҳияи механизмҳои танзими он имрӯз таҳқиқотҳои нави илмиро оид ба ҳалли мушкилоти номбурда тақозо дорад. Аз ин лиҳоз, мавзӯи интихобнамудаи диссертант муҳим ва ҳалталаб баҳогузорӣ мегардад.

**Дараҷаи асоснокӣ ва мӯътамад будани муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия.** Аз таҳлили кори диссертатсионӣ бармеояд,ки **ҳадафи таҳқиқоти** мазкур таҳқиқи асосҳои илмии бозори гӯшт ва таҳияи пешниҳодот оид ба механизмҳои танзими давлатии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, унвонҷӯ **вазифаҳои таҳқиқотро** пешниҳод намудааст, ки ҳалли онҳо ба тавлиди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намуданд. Вобаста ба муҳиммияти таҳқиқот дар диссертатсия объекти таҳқиқот мавзӯъ, масъалаҳо ва усулҳои таҳқиқот муайян карда шудаанд. **Объекти таҳқиқот** корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шудааст.**Мавзӯи таҳқиқот** аз омӯзиш, таҳлил ва баҳо додан ба вазъи бозори гӯшт ва низоми танзими давлатии он дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ иборат аст. **Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро** назарияҳои таҳиянамудаи олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқӣ, стратегияву барномаҳо ва дигар асноди меъёрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муаммоҳои бозори гӯшт ва механизми танзими давлатии он ташкил медиҳад. Ҳангоми таҳқиқот мавриди коркард ва таҳлилу хулосабарориҳо муаллиф аз **методҳои** таҳлили мантиқӣ, ҳисобкунии конструксионӣ-монографӣ, муқоисавӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-математикӣ, таснифи оморӣ, усули пешгӯии конъюнктураи бозор истифода шудааст. Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини **шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА** назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) мувофиқат менамояд: 1.2.15 – Фаъолияти сармоягузорӣ ва инноватсионии ташкилот (корхонаи КАС); 1.2.17 – Логистика дар ташкилот (корхона)-ҳои КАС; 1.2.38 – Самаранокии фаъолияти бахшҳо ва корхонаҳои маҷмааи агросаноатӣ; 1.2.27 – Иқтисоди ташкилот (корхона) дар соҳаи кишоварзӣ.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот чунин арзёбӣ гардидаанд:**

-омӯзиш ва муайян кардани нақши танзими давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ, махсусан истеҳсоли гӯшт ва консепсияи ислоҳоти сектори аграрии иқтисодиёт;

-саҳеҳсозии методологияи арзёбии сатҳи бозор. Дар ин маврид усули пешгӯии конъюнктураи бозор пешниҳод гардид, низоми механизмҳои иқтисодии танзими бозори гӯшт, ки тавъамсозии танзими бозорӣ, давлатӣ ва дохилиистеҳсолиро дар назар дорад, асоснок карда шуд;

-омӯзиши таҷрибаи ташаккул ва рушди бозори гӯшт, маҳсулоти гӯштӣ дар мамлакатҳои иқтисодашон рушдёфта, пешниҳоди намунаи ҷиҳати мувофиқи он барои бозори гӯшти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-методикаи ҳисобкунии нархҳои кафолатноки гӯшт, арзёбии рақобатпазирии истеҳсоли гӯшт ва маҳсулоти коркардшудаи он, ҳамчунин механизмҳои танзими нарх дар бозор пешниҳод гардид;

-механизми самараноки тақсими дотатсияи истеҳсоли гӯшт дар байни молистеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқ пешниҳод гардид, модели такмили муносибатҳои иқтисодии дохилихоҷагӣ таҳия гардида, чораҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ оид ба идораи зиддибухронӣ пешниҳод гардида, самтҳои дурнамои бозори гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ бо назардошти хусусиятщои минтақавӣ асоснок карда шуданд.

**<u>Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот.</u> Аҳамияти назариявии таҳқиқоти** диссертатсионӣ дар ҳалли масъалаи механизми танзими давлатии бозори гӯшт ва мушкилоти он, назарияи соҳаҳои бозор ҳамчун самти нави илмӣ тамоюли рушди бозори агрохӯрокворӣ дар давраи дарозмуҳлат, хусусиятҳои ташаккул ва танзими вазъ (конъюнктура)-и бозорӣ дар марҳалаи маҳдуди бозори агрохӯрокворӣ, сиёсати танзими давлатию бозорӣ, ки аз ҷумлаи онҳо мебошанд, ифода меёбад. **Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои бадастомадаи кори мазкурро метавон дар баланд бардоштани самаранокии танзими бозори маҳсулоти чорводорӣ истифода бурд. Ҷанбаи муҳими таҳқикот истифодаи сарфакоронаи захираҳо ва афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии он дар бозор мебошад. Пешниҳодоти дар диссертатсия зикршуда аз тарафи мақомоти идораи сатҳи гуногун ҳангоми таҳияи як қатор барномаҳо, аз он ҷумла, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, Консепсияи рушди инноватсионии КАС барои давраи солҳои 2014-2020, ҳамчунин барномаҳои давлатии соҳаи чорводорӣ истифода шудаанд.

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқотро Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд идораҳои кишоварзӣ ҳангоми тайёр кардани пешниҳодот оид ба рушди низоми бозорҳои яклухти озуқавории ҷумҳурӣ ва такмили алоқаҳои интегратсионӣ дар зермаҷмӯаҳои гӯштистеҳсолкунанда, дар мактабҳои олии мамлакат ҳангоми таҳияи дастурҳои

таълимӣ ва барномаҳои таълимии фанҳои иқтисодиёти КАС, «Нарх ва нархгузорӣ», «Назария ва амалияи муносибатҳои бозорӣ», «Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ», ҳамчунин дар раванди таълими донишҷӯён, магистрҳо ва шунавандагони курсҳои фанҳои иқтисодӣ истифода бурда метавонанд.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.**

Мазмунҳои илмӣ ва методии диссертатсия дар муассисаҳои гуногуни КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи худро ёфтанд ва аз тарафи мақомоти танзими бозори аграрӣ истифода мешаванд.Натиҷаҳои таҳқиқотро як қатор корхонаҳои кишоварзии ҷумҳурӣ дар шакли дастурҳо оид ба рушди муносибатҳои дохилихоҷагӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ, дар корхонаҳо ташкил намудани хадамоти маркетингӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, такмили алоқаҳои муттаҳидӣ ва ғайра истифода намудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро Вазорати кишоварзии ҷумҳурӣ ҳангоми таҳияи пешниҳодот оид ба рушди низоми бозорҳои яклухти озуқаворӣи кишвар, инчунин такмили алоқаҳои муттаҳидкунанда дар зермаҷмӯъҳои гӯштистеҳсолкунанда истифода кардааст. **Интишори натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар 11 мақолаи илмӣ чоп карда шуд, ки аз он 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба чоп расидаанд.

**Сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 176 саҳифа омода гардида, 11 расм ва 30 ҷадвал дорад.

**Дар муқаддима** мубрамият ва муҳимияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шудааст, дараҷаи таҳқиқи мушкилоти мавҷуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот шарҳ ёфтаанд, навоварии илмӣ ва аҳамияти амалии кор муайян карда, объект ва усулҳои таҳқиқот нишон дода шудаанд,(С.3-11).

**Дар боби якум,** ки мазмунаш аз ҷанбаҳои назариявӣ, усулҳои ташаккул ва рушди бозори озуқаворӣ иборат аст, масъалаҳои алоқаманд бо асосҳои илмии ташаккули бозори хӯрокворӣ, макони барқарории бозори гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, ҳамчунин, механизми танзими бозори гӯшт мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар ин боби диссертатсия мафҳум, моҳият, сохтор, хусусиятҳо бозори гӯшт, маҳсулоти гӯштӣ, сохтори бозори озуқаворӣ ва вазифаҳои он тавсифу тасниф гардидааст (С.12-19;С.20-25). Ба андешаи муаллиф, бозори маҳсулоти чорводориро ба сифати объекти хариду фурӯш ҳамчун бозори мол, вобаста ба нишонаҳои ҳудудӣ бошад, ҳамчун минтақавӣ тасниф кардан мумкин аст. Муҳим он аст, ки ба таснифоти бозорҳо аз рӯйи рақобати бозор назар кард. Дар ин самт диссертант бозори маҳсулоти чорводорӣ таснифот намудааст, ҷадвали 4, (С.23).

Маҳаки барқарории бозори гӯштро ва маҳсулоти гӯштиро таҳлил намуда, муаллиф меъёрҳои арзёбии самаранокии механизми танзими ҳолати бозори аграриро пешниҳод менамояд, (С. 28-36).

Ҳамчунин, муаллиф механизми танзими бозори гӯшт маҳсулоти гӯштиро мавриди баррасӣ қарор дода, таркиб, унсурҳо ва самтҳои асосии танзими бозори мазкурро нишон дода, вазифаҳои онро муайяну муқаррар намудааст, (С. 37, 40, 41, 49-54).

**Боби дуюм** ба таҳлили динамикаи вазъи имрӯзаи бозори гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, ҳолати имрӯзаи истеҳсоли гӯшт ва коркарди он, стратегия ва тамоюлҳои таъмини аҳолӣ бо гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, самаранокии иқтисодии истеҳсоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ бахшида шудааст.

Диссертант дуруст қайд кардааст,ки ҳалли ин ва дигар масъалаҳои соҳаи чорводории гӯштӣ ва коркарди саноатии он, таъмини самаранокии он бо дастгирии давлатӣ ва танзими механизмҳои идоракунии он зич алоқаманд ва вобаста мебошад. Аз ин лиҳоз, таҳлили таҳқиқи сохтори майдони заминҳои хоҷагии қишлоки ҷумҳурӣ нишон дод, ки он ҳоло ҳам барои миқдор ва ҳаҷми зарурии истеҳсолоти чорводорӣ шароити даркориро муҳайё карда наметавонад, яъне ҳаҷми он ба ҳар сари аҳолӣ аз меъёри тасдиқшудаи истеъмоли гӯшт кам мебошад. Истеъмоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ дар соли 2018, ки ба ҳар нафар аҳолӣ 29,0 килограмм рост омадааст, мисол шуда метавонад. Аз ин рӯ, тартиби механизми истифодаи заминро тағйир дода, ба самти таъмини устувор роҳ кушода, ба рушди пойгоҳи хӯроки чорво ва афзоиши маҳсулоти чорводорӣ ноил бояд гашт, (С. 55, 63, 64).

Таҳлилҳои дар диссертатсия инъикосёфта тасдиқ мекунанд, ки дар чунин ҳолат баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ воқеӣ буда наметавонад. Ба ин нишондиҳандаҳое, ки самаранокии маҳсулоти хоҷагии қишлоқро инъикос мекунанд, далел шуда метавонанд. Иқтидори истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро бояд ба таври демократӣ ба роҳ монд, то он ба қоидаҳои иқтисоди бисёртарза мутобиқ шавад ва ҷавобгӯйи ҷанбаҳои самаранокӣ бошад. Маҳз ба ин сабаб ҳам донишмандон ва ҳам нафарони ба амалия машғул натиҷаҳои ислоҳотро дар асоси муқоисаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, ки ба ҳисоби ҳар сари аҳолӣ баровардa шудааст ва талаботи аҳолии ҷумҳурӣ ба маҳсулоти хӯрокворӣ тибқи меъёрҳои асосноки илмии истеъмол ба тавρи воқеӣ арзёбӣ намекунанд. Маҳаки асосии муваффақияти ислоҳоти иқтисодӣ, новобаста ба он ки вай дар кадом соҳаи иқтисод амалӣ карда шудааст, нишондиҳандаҳои самаранокии он, ҳосилнокии меҳнат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ буд ва мемонад (С. 67, 77-85).

Аз ин рӯ, ба андешаи диссертант хеле муҳим аст, ки стратегия ва таъмини аҳолӣ бо гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ ва ҳалли мушкилоти озуқаворӣ, махсусан дар вилоятҳо, ноҳияҳои аз ҷиҳати табиӣ мусоиди кӯҳӣ, ки дар он ҷо имкони дастгирии

рушди сайёҳӣ ва хоҷагии қишлоқ, сарчашмаҳои ташаккули фондҳои озуқаворӣ, имконоти таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти худӣ мавҷуд аст, ба интенсификатсияи равандҳои хоҷагӣ, ташкили иқтисоди пурзӯри аграрии миқдори зарурии ҷойи кориро муҳайё карда тавонанда, равона гардад,(С.86,90-94). Инчунин, диссертант дурнамои рушди чорводории ҷумҳуриро барои солҳои 2025-2030 коркард намуда, самаранокии истеҳсоли гӯштро дар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ ҳисоб намудааст (С. 96, 101-110).

**Дар боби сеюм** самтҳои асосии такмили механизмҳои танзими давлатии бозори гӯшт, масъалаҳои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир – омили танзими давлатии бозор, ҷалби сармояҳои берунӣ ва дохилӣ – роҳ ба танзими давлатии бозор, дастгирии давлатии молиявӣ – асоси танзими бозор, ҷорӣ намудани низоми маркетингӣ – усули муҳими танзими бозор муайян ва таҳқиқ карда шудааст

Муаллиф дар ин зербоб қайд мекунад,ки дар давраи истиқлолияти давлатӣ мустақилияти идоракунии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ инкишоф ёфт ва он ба зиёд гардидани ҳаҷми маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва махсусан, истеҳсоли гӯшт дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ имкон фароҳам овард. Илова бар ин истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир-омили танзими давлатии бозор маҳсуб меёбад (С. 117-127).

Ба андешаи муаллиф, бо мақсади таъмини устувори рушди истеҳсоли гӯшт ва ҳалли бехатарии озуқаворӣ сохторҳои дахлдори ҳукумати ҷумҳуриро лозим аст, кибарои ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ қарорҳои дахлдор ва нақшаи чорабиниҳои иловагӣ оид ба ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ, рушди чорводории гӯштӣ ва низоми корхонаҳои кишоварзиро таҳия ва қабул намоянд.Дар зербоби мазкур сарчашма ва механизмҳои танзими давлатии таъмини молиякунонии бозори гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ дар шакли нақшавӣ коркард шудааст (С.128-137).

Ба андешаи муаллиф, ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши гӯшти гӯсфанд ва бузро бояд бештар намуд. Ҳамчунин зарур аст, ки механизми танзими давлатии ҳаҷми истеҳсол ва нархи миёнаи фурӯш дар ҳамаи шаклҳои ташкили фурӯши гӯшт дар ҷумҳурӣ ба роҳ монда шавад. Дар асоси таҳлилҳо муаллиф самтҳои зерини маркетинги бозори гӯшт ва вазифаҳои давлатӣ дар соҳаи рушди чорводории гӯштӣ, ташаккул ва рушди бозори гӯшт ва маҳсулоти гӯштиро муайян намудааст.

1. Гузарондани сиёсати ягонаи давлатӣ дар бобати таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, ки дар он ҷойи махсус ба истеҳсоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ ҷудо карда шудааст;

2. Таҳия ва иҷрои барномаҳои мақсаднок оид ба рушди чорводории гӯштӣ ва коркарди саноатии маҳсулоти он;

3. Муайянкунии мақсад ва вазифаҳои ҳокимияти иҷроия дар соҳаи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрокворииӣ барои зиндагӣ муҳим, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ дар шароити бухрони хӯрокворӣ;

4. Ташкили ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар бораи истеҳсол ва коркарди гӯшт ва истеъмоли он аз тарафи аҳолӣ, ҳамчунин пешгӯии рушди вазъ дар бобати чорводории гӯштӣ;

5. Мутобиқгардонии фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия оид ба ҷамъоварии саршумори чорвои гӯштӣ, истеҳсол, коркард ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти босифати гӯштӣ ва ғ. (С. 138-152).

Дар хулоса натиҷаҳо ва тавсияҳо оид ба мукаммал намудани назарияи бозори гӯшт ва такмили механизми танзими давлатии он дар хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Дар диссертатсия дар боби пажуҳиши назариявӣ истифодаи асарҳои олимони ватанӣ ба назар намерасад, ҳол он ки дар ин ҷода таҳқиқоти олимони ватанӣ хеле бисёр аст.

2. Дар боби дуюм, ки боби таҳлилӣ аст, ҳолати имрӯзаи танзими бозори гӯшт ва дастгирии давлатии истеҳсолгарони гӯшт дар мамлакат кам ба назар мерасад. Зеро мавзӯи диссертсатсия танзими давлатии бозори гӯшт унвон дорад.

3. Нарх ва танзими нархи гӯшт муҳимтарин инструменти танзими давлатии ин бозор мебошад, бинобар он зарур буд, ки ба ин ин масъала параграфи алоҳида бахшида мешуд.

4. Алгоритми арзёбии рақобатпазирии маҳсулот нишон дода шудааст (С. 123-124). Аммо муаллифро зарур буд, ки мутобиқи он сатҳи рақобатпазирии истеҳсоли гӯштро дар мамлакат ва ё минтақаҳои он муайян менамуд.

5. Дар диссертатсия хатогиҳои техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои дар боло овардашуда ислоҳшаванда буда, ба муҳтавои назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

Ҳамин тариқ, дар маҷмӯъ таҳқиқоти диссертатсионии Накимов Сафарраҳмат Пираковичро дар мавзӯи «Бозори гӯшт ва механизми танзими давлатии он (дар асоси маводи хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ҳамчун кори илмӣ-тахассусии анҷомшуда ҳисобида, натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро муҳим ва дорои аҳамияти илмию амалӣ шарҳ додан мумкин аст.

Рисолаи илмии тақризшаванда ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он - Накимов С. П. сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идораи хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (с/м №2, аз 28 сентябри соли 2021).

**Раиси ҷаласа,**
Мудири кафедраи иқтисод ва идораи
КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Тағоев Ҷ.Ҳ

**Ташхисгар,**
н.и.и., муаллими калони кафедраи
иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Файзуллоев Т.Т.

**Котиби ҷаласа,**
Муаллими калони кафедраи иқтисод ва идораи
КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Исмоилова Х.С.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел.:(+992) 918 90 68 63 моб.

Имзоҳои Тағоев Ҷ.Ҳ., Файзуллоев Т.Т. ва Исмоилова Х.С.-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** Тавқиев Э.Ш.